# САФОРАТИ ҶОПОН ТОҶИКИСТОН

Шаҳри Душанбе, кӯчаи Х.Назаров, 80/А
Тел: 992 (372) 27 54 36/46;
E-Mail: embjpn@db.mofa.go.jp

From the People of Japan

# EMBASSY OF JAPAN TAJIKISTAN

80/A, Kh. Nazarov Str., Dushanbe, Tajikistan
Tel: 992 (372) 27 54 36/46;
E-Mail: embjpn@db.mofa.go.jp


## ИЗҲОРОТИ ИТТИЛООТӢ

## АНҶОМ ЁФТАНИ ЛОИҲАИ СОХТИМОНИ БУНГОҲИ ТИББӢ ДАР ДЕҲАИ ҶОВИДОНИ НОҲИЯИ ВАНҶИ ВИЛОЯТИ МУХТОРИ КӮҲИСТОНИ БАДАХШОН ДАР ДОИРАИ КУМАКИ РАСМИИ РУШДИ ҲУКУМАТИ ҶОПОН

**Душанбе, ТОҶИКИСТОН, 28.09.2025**

28-уми сентябри соли 2025 дар ноҳияи Ванҷ, Сафири Фавқулода ва Мухтори Ҷопон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон **хонум ФУРУТА Кэйко**, ҳамроҳ бо Раиси ноҳияи Ванҷ **ҷ-би ДАВЛАТЗОДА Наҷмиддин** дар маросими ба анҷом расидани «**Лоиҳаи сохтимони бунгоҳи тиббӣ дар деҳаи Ҷовидони ноҳияи Ванҷ**» иштирок карданд. Дар маросим кормандони тиббии бунгоҳи болозикр ва сокинони деҳа низ ширкат доштанд.

Лоиҳа дар доираи Барномаи Ҳукумати Ҷопон - кумакҳои бебозгашт ва амнияти башарӣ барои бахши аъзами аҳолӣ (GPP) бо маблағи **94,924 доллара ИМА** амалӣ гардид.

То вақтҳои охир, ҳолати номувофиқи биное, ки соли 1954 сохта шуда буд, кори бунгоҳи тиббиро халалдор сохт. Акнун бошад, дар натиҷаи сохтмони бинои нав, имконияти расонидани хизматрасонии босифати тиббӣ ба сокинони деҳаи Ҷовидон ва деҳаҳои ҳамсоя фароҳам шудаст.

Дар суханронии худ, **хонум ФУРУТА Кэйко** кормандони бунгоҳи тиббиро бо анҷоми бомуваффақияти лоиҳаи муҳими иҷтимоӣ табрик карда қайд кард, ки Ҷопон ҳамчун дӯсти хуби Тоҷикистон дар тӯли зиёда аз 30 сол аз замони ба истиқлолият ноил шудан ба мардуми Тоҷикистон дар соҳаҳои гуногун фаъолона кӯмак мерасонад. Инчунин, муҳтарам Сафир такид кард, ки соҳаи тандурустӣ яке аз муҳимтарин соҳаҳои ҳамкории дуҷониба байни Тоҷикистон ва Ҷопон ба шумор меравад.

Раиси ноҳияи Ванҷ, **ҷ-би ДАВЛАТЗОДА Надҷмиддин**, кормандони бунгоҳи тиббӣ ва сокинони деҳа миннатдории амиқи худро ба Ҳукумат ва мардуми Ҷопон барои кумаки расонидашуда изҳор карданд.

Ҳукумати Ҷопон ният дорад дастгирии рушди иҷтимоӣ ва иқтисодии Тоҷикистонро идома диҳад.

*Барномаи кумакҳои бебозгашт барои бахши аъзами аҳолӣ ва амнияти башарӣ «GGP» тарҳи Барномаи расмии Ҷопон оид ба рушд маҳсуб мешавад. Кумакҳои бебозгашти лоиҳаҳои амнияти башарӣ барои бахши аъзами аҳолӣ ба ҳокимиятҳои маҳаллӣ, соҳаҳои маориф ва тандурустӣ, ҳамчунин ба созмонҳои ғайридавлатӣ дода мешавад. Аз соли 1996 то*

*инҷониб, кумакҳои бебозгашт барои бахши аъзами аҳолӣ ва амнияти башарӣ* ***468*** *лоиҳаро ба маблағи умумии* ***$38.9*** *миллион доллари ИМА дар Тоҷикистон амалӣ намудааст, аз ҷумла* ***118*** *лоиҳа дар соҳаи тандурустӣ татбиқ шуданд.*

*Барои маълумоти бештар роҷеъ ба Барномаи расмии Ҷопон оид ба рушд ба саҳифаи сомонаи зайл назар андозед* [https://www.tj.emb-japan.go.jp/itpr_ru/kusanone_r.html](https://www.tj.emb-japan.go.jp/itpr_ru/kusanone_r.html)





